**№179 аз 18.06.2014**

«Дар бораи тасдиқ намудани «Тартиби
таъмини дастрасии кормандони мақомоти
андоз ба истифодабарии барномаҳои
компютерии «Системаҳои иттилоотии андоз»

Бо мақсади риояи истифодабарии дурусти барномаҳои компютерии «Системаҳои иттилоотии андоз», тибқи талаботи банди 16 Низомномаи Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон,

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Тартиби таъмини дастрасии кормандони мақомоти андоз ба истифодабарии барномаҳои компютерии «Системаҳои иттилоотии андоз», тибқи замимаҳои №1 ва №2 тасдиқ карда шавад.

2. Сардорони раёсатҳои дастгоҳи марказӣ, раёсатҳои андоз дар вилоятҳои ВМКБ, Суғду Хатлон ва шаҳри Душанбе, нозироти андозсупорандагони калон, нозироти андозсупорандагони миёна ва нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ вазифадор карда мешаванд, ки риояи ҳатмии тартиби мазкурро таъмин намоянд.

3. КВД «Маркази барномасозии маъмурикунонии андоз» вазифадор карда шавад, ки дастрасии истифодабарии барномаҳои компютериро ба истифодабарандагон дар асоси гузориш ва тартиби мазкур ба амал барорад.

4. Шуъбаи ташкили гардиши ҳуҷҷатҳо ва коргузорӣ барои ба мақомоти ҳудудии андоз дастрас гардидани «Тартиби таъмини дастрасии кормандони мақомоти андоз ба истифодабарии барномаҳои компютерии «Системаҳои иттилоотии андоз» чораҷуи намояд.

5. Назорати иҷрои Фармоиши мазкур ба зиммаи Муовини аввали Раис Солиев А.М. вогузор карда шавад .

Раис Давлатзода Н.М.